“Тасдиқ менамоям”
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон д.и.т., профессор
_________________Назарзода Х.Х.
“_20_” _11_ соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

**ба диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Диссертатсия дар мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович 4-уми марти соли 1990 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2012 онро аз рӯи ихтисоси молшиносӣ ва экспертизаи молҳо хатм намудааст.

Соли 2015 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи иқтисод ва савдои шаҳри Гомели Ҷумҳурии Белоруссияро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович аз моҳи октябри соли 2017 ҳамчун унвонҷӯӣ кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон буда, мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” –ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аз моҳи октябри соли 2020 дар вазифаи муовини декан оид ба тарбияи факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки ДДТТ фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 06.03.2018, суратҷаласаи №9 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ Қурбонов Абдукарим Раҳимович мебошанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст: имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб); фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб); имтиҳон аз рӯи ихтисосро

бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд, мавҷуд аст.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи: "Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

**1. Мубрам будани мавзуи таҳқиқӣ**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодӣ ба роҳ монда шуд, ки мақсади он гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ буда, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ яке аз ҳадафҳои асосии он ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович ба мушкилоти мубрами иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст. Таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода намуда, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардида, хулоса ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи: "Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикргардида мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳад гузошт.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзӯи дисертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки ба "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робитаи зич дорад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот**

Аз асосноккунии назариявии усулҳо ва роҳҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва коркарду пешниҳоди тавсияҳо доир ба рушди он дар ҷумҳурӣ иборат аст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва навоварии илмӣ он иборат аст аз: асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи роҳҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкории

инфиродӣ бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва доштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии чунин фаъолият муайян карда шуда, хусусиятҳои асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ мушаххас ва аниқ гардидаанд; тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ҳозира таҳлил карда шуда, ҳолати кунунии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир баҳо дода шудааст; дар асоси таҳлили вазъи кунунунии соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмӣ - назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

Дар таҳқиқоти илмӣ ҳадафҳои асосии соҳибкории инфиродӣ чунин муайян карда шудааст;

-дар асоси омӯзиши маъхазҳои мухталифи илмӣ нуқтаи назари муаллиф доир ба мафҳуми соҳибкории инфиродӣ чунин ифода ёфтааст: "Соҳибкории инфиродӣ ин амали мақсадноки шахсони воқеӣ маҳсуб шуда, онҳо таваккалкорона дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ бахри ба даст овардани манфиати молиявӣ ва иҷрои мақсадҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд";

- асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир таҳлил ва омӯхта шуда, барои такмили он дар самти бақайдгирии соҳибкорон, ташкили раванди андозбандӣ ва такмили дастгирии давлатии онҳо пешниҳодҳои илман асоснок манзур карда шуд;

-таҳлили ҳолати кунунии соҳибкории инфиродӣ дар асоси нишондиҳандаҳои микдорию сифатӣ дарҷ ёфта, вазъи имрӯзаи соҳибкории инфиродӣ баҳодиҳӣ карда шуда, барои беҳтар гаштани нишондиҳандаҳои фаъолияти мазкур пешниҳодҳои судманд манзур шуданд.

- модели аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст, ки он дар давраҳои муайян афзоиш ёфтани теъдоди соҳибкорони инфиродӣ, иҷрои саривақтии уҳдадориҳои андозӣ, афзун гаштани даромаднокии онҳоро дар бар мегирад.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муаллиф оид ба мавзӯи таҳқиқшуда 11 мақола ва корҳои илмӣ дар ҳаҷми 4,41 ҷ.ч. аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр намудааст, аз ҷумла 2 мақола дар алоҳидагӣ.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

**А). Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир/ Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - № 4/1 (49). – С. 158-167.

[2-М]. Рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он /Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - № 2/2 (47). – С. 170-177.

[3-М]. Таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Курбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон № 4-/1 (43) 2022. -С. 52-57.

[4-М]. Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти рушди он /Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №1 (30) 2020. С. 223-227.

[5-М]. Ҳолати муосири соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.// Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. - № 4 (33). – С. 61-65.

[6-М].Современное сосотояние индивидуального предпринимательство в Республике Таджикистан /Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2019. - №3. – С. 44-47.

[7-М]. Ташаккул ва рушди соҳибкории тиҷоратӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Точикистон /Толибов Қ.Қ., Сафаров Ҷ.А. Амонов С.С.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - Душанбе. – 2018. - № 4/2 (33). – С. 35-41.

Б). **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию баналмилалӣ.**

[8-М]. Роль торгово-промышленной палаты Республики Таджикситан в продвижении национальной продукции на внешние рынки /Сафаров Дж.А. Тимошенко М.В.//Вестник Потребительская кооперации город Гомель 2015 БТЭУПК № 4- (51) 2015. -С 56-63.

[9-М]. Привлечение инвестиций, основа индустриально-инновационного развития национальной экономики /Дустбоев Ш. Сафаров Дж// Таджикистан и современный мир: Актуальные праблемы развития инновационной экономики “VII –ая Международная научно практичеякая конфренция” (ш. Душанбе . 2019 с.,). – С. 328-332.

[10-М]. Формирование индивидуального предпринимательства в Республике Таджкикстан и основные пути его развития /Қурбонов А.Р Сафаров Дж.А.// Международная научно-практическая дистанционная конференция “Развитие инновационной экономики в Таджикистан и Польше ” (21-22 июни 2018 с., ш. Душанбе. – 2018. – С. 469-470).

[11-М]. «Роль молодежи и социальный процесс экономические трансформации общества: отечественный и зарубежный опыт» /Тимашенко М.В., Д.Сафаров.// Международная научно-практическая конференция 26 марта 2015 г. / Харьков. Торгово-экономический институт; Киев. Национальный торгово-экономический университет; редколлегия: Гурова К.Д. [ - Харьков: КНТЭУ, Хтей КНТЭУ, 2015 г.– С.91-92.

**қарор мекунад:**

Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи: “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқаррargardida арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъали мазкур дар ҷаласа 21 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор – 18, зид – нест, бетараф – нест.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2023, суратҷаласаи №4 қабул шудааст.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи: “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) тақризи роҳбари илмӣ н.и.и. дотсент Қурбонов А.Р., баромади д.и.и., профессор Дустбоев Ш. д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., ва н. и.и., дотсент Мухторзода С.С., баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон: д.и.и., профессор Раҷабов Р.К., д.и.и., профессор Нидоев Н.Ф., д.и.и., дотсент Толибов Қ.Қ. дар асоси овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович

**қарор мекунад:**

Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи: “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқаррargardida арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъали мазкур дар ҷаласа 21 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 18 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор – 18,

зид – нест,

бетараф – нест.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 18 –уми ноябри соли 2023, суратҷаласаи №4 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи**
**Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ**
**н.и.и., дотсент** **Алимов К.К.**

**Котиби ҷаласа:** **Ибрагимова Н.М.**

***Имзои Алимов К. К. ва Ибрагимова Н.М – ро тасдиқ менамоям.***

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**